**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 12**

**аз 19 декабри соли 2008** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи омодасозии парвандаҳои гражданӣ ба муҳокимаи судӣ**

Риояи меъёрҳои КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омодасозии парвандаҳои граждaниро ба муҳокимаи судӣ ба танзим медарорад, яке аз омилҳои асосии дуруст ва саривақт баррасӣ намудани онҳо мебошад. Ба таври дахлдор нагузаронидани амалиётҳо оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ба мавқуф гузоштани баррасии судӣ, кашолкорӣ ва ба қабул намудани санадҳои нодурусти судӣ оварда мерасонад.

Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омодасозии парвандаҳои граждaниро ба муҳокимаи судӣ ба танзим медарорад, бо дастрасии моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад.

1. Мутобиқи талаботи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ ҶТ) судҳои ҷумҳурӣ ҳуқуқ доранд ба муҳокимаи парвандаҳои гражданӣ, танҳо пас аз иҷрои ҳамаи амалҳои зарурӣ доир ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ки дар боби 14 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, шурӯъ намоянд.

Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ давраи мустақили мурофиаи гражданӣ ба ҳисоб рафта, мақсадаш таъмини дурусту саривақтии баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо мебошад, ки гузаронидани он тибқи талаботи моддаи 150 КМГ ҶТ аз рӯи ҳамаи парвандаҳои гражданӣ ҳатмӣ мебошад.

Омодасозии саривақтӣ ва пурраи парванда ба муҳокимаи судӣ барои баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун аҳамияти муайян дорад.

2. Бояд дар назар дошт, ки иҷро намудани ҳар яке аз вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ки дар моддаи 151 КМГ ҶТ нишон дода шудааст, ҳатмӣ мебошад.

3. Судя ҳуқуқ дорад ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи гражданӣ дар суд ва баровардани таъинот дар бораи қабули ариза ба муҳокимаи судӣ, шурӯъ намояд.

Мутобиқи муқаррароти боби 12 КМГ ҶТ рад намудани қабули аризаи даъвогӣ, баргардонидани аризаи даъвогӣ, беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ, то оғоз намудани парвандаи гражданӣ мумкин аст.

4. Судя пас аз қабули ариза дар асоси моддаи 150 КМГ ҶТ вазифадор аст, таъинот дар бораи омодасозии парвандаро ба муҳокимаи судӣ қабул намуда, дар он амалиётҳои мушаххасро, ки бояд тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда иҷро намоянд, инчунин мӯҳлати анҷом додан ва давомнокии онҳоро дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти имконпазирии воқеии иҷроиш муайян карда шудааст, нишон диҳад.

Чунин таъинот бояд дар ҳолати зарурӣ оид ба гузаронидани амалиётҳои иловагӣ ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ҳамчунин пас аз бекор шудани ҳалномаи суд ва ирсоли парванда ба баррасии нав ё пас аз нав оғоз намудани истеҳсолоти боздошташуда ё

мавқуфгузошташуда низ қабул карда мешавад.

5. Ҳангоми муайян кардани қонун ва дигар санади меъёри ҳуқуқие, ки дастрас намудани онҳо дар рафти баррасии парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо зарур аст, мавзӯъ ва асоси даъво, норозигии ҷавобгар нисбати даъво, дигар ҳолатҳое, ки барои дуруст ҳаллу фасл намудани парванда аҳамияти ҳуқуқӣ доранд дар назар дошта шаванд.

Аз ҷониби даъвогар қайд намудани меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ ҳамчун асоси даъво барои судя ҳангоми баррасӣ намудани масъала ҷиҳати он, ки кадом қонун бояд дастрас карда шавад, ҳатмӣ намебошад.

6. Ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро судҳо бояд дар заминаи фактҳои ҳуқуқие, ки асоси даъво ва норозигии тарафҳоро дар бар мегирад, характери муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки бояд татбиқ карда шавад, муайян намоянд.

7. Судя вазифадор аст дар давраи омодасозии парванда барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи ҳолатҳо, ки барои дуруст ҳаллу фасл гардидани парванда аҳамият доранд, шароит фароҳам орад.

Судя тавзеҳ медиҳад, ки исботи ин ё он ҳолат ба зиммаи кӣ гузошта мешавад ва инчунин оқибати пешниҳод накардани далелҳоро мефаҳмонад.

Агар далелҳои пешниҳодшуда барои тасдиқи талаботи даъвогар ё норозигии ҷавобгар нокифоя бошанд, судя ҳуқуқ дорад ба онҳо оиди пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ тавсия диҳад. Дар ҳолате, агар пешниҳод намудани чунин далел барои шахсони номбаршуда мушкил бошад, он гоҳ аз рӯи дархости онҳо, ки ба талаботи қисми 2 моддаи 60 КМГ ҶТ ҷавобгӯй мебошад, дар ҷамъовари ва талаб карда гирифтани далелҳо, аз ташкилотҳо ва шаҳрвандон аз ҷумла далелҳои хаттию шайъӣ мусоидат намояд.

8. Ҳангоми омодасозии парванда судя вазифадор аст, бо дар назардошти қисми 2 моддаи 13 ва сархати 2 қисми 1 моддаи 153 КМГ ҶТ ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчӣ, ки ба парванда ҷалб карда шудаанд, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашонро ба таври муфассал фаҳмонад, инчунин муқаррароти қисми 1 моддаи 71 КМГ ҶТ-ро дар бораи он, ки тарафе, ки ӯҳдадор аст талабу норозигии худро исбот намояд, аммо далелҳои доштаашро нигоҳ дошта ба суд пешниҳод намекунад, суд ҳуқуқ дорад хулосаи худро бо баёноти тарафи дигар асоснок намуда, тавзеҳ диҳад.

Ҳангоми ҳозир нашудани ҷавобгар дар давраи омодасозии парванда, судя ҳуҷҷатҳоро ба маҳали зист ё маҳалли ҷойгиршавии ӯ равон карда, ба охирин пешниҳод менамояд, ки дар мӯҳлати муайян баҳри асоснок намудани норозигиаш далелҳоро пешкаш намояд. Судя инчунин тавзеҳот медиҳад, ки далелҳою норозигии дар мӯҳлати муайяннамудаи судя аз ҷониби ҷавобгар пешниҳод нашуда, барои баррасии парванда аз рӯи далелҳои мавҷудбуда, монеа шуда наметавонад.

9. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки аз рӯи мафҳуми моддаҳои 5, 37, 44, 45, 47, 48, 49, 58, 60 КМГ ҶТ ӯҳдадории исбот ба зиммаи тарафҳо, шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд ё шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқие, ки баҳри ҳимояи шахсони дигар ариза пешниҳод намудаанд, гузошта мешавад.

Бо парвандаҳо оид ба муайян намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, ки ба тариқи истеҳсолоти махсус мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ӯҳдадорӣ доир ба пешниҳод намудани далелҳои тасдиққунанда оиди аз ҷониби аризадиҳанда имконнопазирии дарёфт намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор ё ғайриимкон будани барқарорсозии ҳуҷҷатҳои гумшуда ба зиммаи аризадиҳанда гузошта мешавад.

10. Бо назардошти он, ки мутобиқи талаботи моддаи 67 КМГ ҶТ таъмини далелҳо ба тариқи судӣ аз лаҳзаи оғоз намудани парванда дар суд сурат мегирад, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ низ чораҳоро баҳри таъмини онҳо андешад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки доираи далелҳое, ки метавонанд таъмин карда шаванд бо қонун маҳдуд карда нашудааст.

11. Судя ҳуқуқ дорад бо назардошти фикру ақидаи шахсони иштирокчии парванда ҳангоми

омодасозии он ба муҳокимаи судӣ дар ҳар ҳолате, ки зарурати хулосаи эксперт (экспертизаи тиббӣ, муҳосибавӣ ва ғайра), ки аз ҳолатҳои кор ва далелҳои пешниҳодшуда бармеоянд, экспертиза таъин намояд. Ҳангоми таъин намудани экспертиза бояд талаботи моддаҳои 82-87 КМГ ҶТ ба инобат гирифта шуда, ҳамзамон ба шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқи онҳо оиди дар назди эксперт гузоштани саволҳое, ки аз рӯи онҳо бояд хулоса дода шавад, фаҳмонида мешавад. Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи моддаи 82 КМГ ҶТ ба баррасии эксперт танҳо он саволҳое гузошта мешаванд, ки дониши махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбҳои мухталиф талаб мекунанд. Дар назди эксперт (коршиносон) саволҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ки ҳаллу фасли онҳо ба салоҳияти суд тааллуқ дорад (масалан, оиди хусусияти бемории шаҳрванд не, балки қобили амал будани ӯ), гузошта намешавад.

Ҳангоми таъини экспертиза дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя ҳуқуқ дорад мутобиқи талаботи моддаи 221 КМГ ҶТ баррасии парвандаро боздорад. Дар ин ҳолат мӯҳлати мурофиавии нагузаштаи баррасии парванда, боздошта мешавад. Судя дар бораи боздоштани баррасии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ таъинот мебарорад, ки дар ин бора протокол тартиб дода мешавад.

12. Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ барои иштирок намудан дар парванда ба мурофиаи судӣ ҷалб намудани мутахассис мумкин аст. Зарурати ҷалб намудани иштирокчии мазкур ба мурофиа ба суд барои гирифтани маслиҳат, фаҳмонидан, хизматрасонии бевоситаи техникӣ дар вақти азназаргузаронии далелҳои хаттӣ ё шайъӣ, шунидани сабтҳои овоз, тамошои сабтҳои видео, таъини экспертиза, пурсиши шоҳидон ва андешидани чораҳо оид ба таъмини далелҳо лозим мебошад.

13. Тарафҳо ҳуқуқ доранд дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ баҳси худро бо бастани созиши оштӣ хотима диҳанд, агар амали онҳо бархилофи қонун набошад, ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигарро вайрон насозад.

Ҳамзамон, санҷиши шартҳои созиши оштӣ, ки тарафҳо бастаанд ва вобастакунии мурофиавии амалҳои амрии дахлдори тарафҳо дар мурофиаи пешакии судӣ аҳамияти муҳим доранд. Созиши оштии тарафҳо аз ҷониби онҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногуворӣ иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешавад.

Судя ба тарафҳо оқибати бастани созиши оштиро тавзеҳ дода аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад

14. Бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда судя баррасии масъаларо ҷиҳати ҳайати шахсони иштирокчии парвнада, яъне тарафҳо, шахсони сеюм – аз рӯи парвандае, ки ба тариқи истеҳсолоти даъвогӣ баррасӣ мегардад, аризадиҳанда, шахсони манфиатдор аз рӯи парвандаҳои истеҳсолоти махсус ва аз рӯи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма ва инчунин дар бораи иштирокчиёни ба ҳаллу фасли парванда муосидаткунанда - намояндагони тарафҳо ва шахсони сеюм, экспертҳо, мутахассисон, тарҷумон, шоҳидонро анҷом медиҳад.

15. Мутобиқи талаботи моддаи 152 КМГ ҶТ ба ғайр аз тарафҳо ё намояндагони онҳо амалҳои мурофиавиро ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ метавонанд шахсони дигари иштирокчии парванда низ иҷро намоянд, аз ҷумла шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, минҷумла, прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандон. Масалан, дар як вақт якҷоя бо шахсе, ки ба манфиати ӯ парванда оғоз гардидааст ва ӯ дар он ҳамчун даъвогар баромад мекунад, дар амали намудани амалҳои бо моддаи 152 ҳамин Кодекс пешбинишуда бояд шахсе низ иштирок намояд, ки бо ташаббуси ӯ парванда оғоз гардидааст.

Ҳангоми ба суд муроҷиат намудани прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрванд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар, гурӯҳи номуайяни шахсон ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза ба суд прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар шахсон, ки тибқи қонун ба ӯҳдаи онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиати дигар шахсон вогузор карда шудааст, дар омодасозӣ ба муҳокимаи судӣ иштирок намуда, судя ба онҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро дар мурофиа фаҳмонда медиҳад.

Шахсони номбаршуда, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои дигар шахсон муроҷиат намудаанд, аз ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавӣ, ба истисноӣ ҳуқуқи бастани созиши оштӣ, истифода мебаранд ва ҳамаи ӯҳдадориҳои даъвогар бар зиммаи онҳо гузошта мешавад. Ба ғайр аз ин онҳо аз ӯҳдадори доир ба хароҷоти судӣ озод карда мешаванд.

16. Судя дар рафти омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ба шахсони иштирокчии он ҳуқуқи ба воситаи намоянда пешбурди кор, инчунин тартиби ба расмият даровардани ваколатҳои намояндаро тавзеҳ дода, ҳаҷми ваколати онҳоро, агар онҳо ба расмият даровдарда шуда бошанд, санҷида мебарояд, бо назардошти он ки ҳуқуқи намоянда роҷеъ ба анҷом додани амалҳои бо моддаи 56 КМГ ҶТ пешбинишуда бояд махсус дар ваколатнома қайд карда шавад, зеро онҳо ба ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқҳои моддию мурофиавии шахси ваколатдиҳанда алоқамандӣ доранд.

Судя аз рӯи парвандаҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғони ба синни 14 солагӣ нарасида ва инчунин шахсоне, ки аз ҷониби суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалкуниашон маҳдуд сохта шудааст, дар рафти омодасозии парванда синну соли ноболиғ, мавҷудияти ҳалномаи судӣ дар бораи ғайриқобили амал ё қобилияти амалкуниашон маҳдуд сохта шуда, инчунин ваколатҳои намояндагони қонунии онҳоро, аз ҷумла падару модар, ба фарзанди қабулкунандагон, васиён, парасторон ё дигар шахсонро, ки ба онҳо бо қонун чунин ҳуқуқ дода шудааст, санҷида мебарояд.

Аз рӯи парвандҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғони синну солашон аз 14 то 18 сола, судя ӯҳдадор аст онҳоро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нисбат ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи граждании, оилавӣ, меҳнатӣ, омма бармеоянд, ноболиғони синни аз 14 то 18 сола дар суд шахсан ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи худро ҳимоя мекунанд. Суд ҳуқуқ дорад ҷиҳати иштирок дар баррасии чунин парвандаҳо намояндагони қонунии ноболиғонро ҷалб намояд.

Суд мақомоти васӣ ва парасториро дар сурате ба кор ҷалб менамояд, ки агар тибқи қонун чунин парванда бояд бо иштироки намояндаи мақомоти мазкур баррасӣ карда шавад.

17. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки судя даъвогар ва намояндаи ӯро дар асоси моҳияти талаботи пешниҳодгардида бо мақсади равшан сохтани хусусияти талаботи мазкур, ҳолатҳое, ки асоси даъво гардидаанд ва далелҳое, ки ҳолатҳои мазкурро тасдиқ мекунанд, мепурсад. Ин ҳолат барои аз ҷониби судя муайян сохтани қонуне, ки бояд ҳангоми баррасии парванда дастрас гардад ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо, муайян сохтани ҳолатҳое, ки барои баррасии парванда ва ҳаллу фасл намудани масъала ҷиҳати тақсимоти ӯҳдадориҳо оид ба исботи онҳо алоқамандaнд аҳамияти муҳим доранд.

18. Судя ба ҷавобгар пешниҳоди далелҳои асосноккунандаи норозигиашро тавсия дода, ҳуқуқҳояшро дар бораи то оғози муҳокимаи судӣ пешниҳод намудани даъвои муқобили даъво мефаҳмонад.

19. Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳаллу фасл намудани масъала дар бораи ба парванда ҳамроҳ шудан ҷалб кардани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, барои дуруст муайян сохтани ҳайати шахсони иштирокчии парванда зарур мебошад.

Агар ҳангоми омодасозии парванда судя ба хулоса ояд, ки даъво нисбати шахсе, ки бояд аз рӯи он ҷавобгар набошад пешниҳод гардидааст, дар ин сурат ӯ бо риоя намудани қоидаҳои моддаи 42 КМГ ҶТ бо мувофиқаи даъвогар метавонад ҷавобгарро иваз намояд. Ҳангоми ҳал намудани масъала ҷиҳати иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб бояд дар назар дошт, ки парвандаро ҳамин суд ҳамон вакт баррасӣ менамояд, ки агар ивазкунии ҷавобгар тобеияти судии парвандаро тағир надиҳад. Дар сурати бо розигии даъвогар иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб, агар тобеияти судии парвандаи гражданӣ тағир ёбад, он гоҳ судя мувофиқи муқарраротӣ моддаи 138 КМГ ҶТ аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро ба даъвогар бармегардонад.

20. Шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, то қабул намудани санади суди марҳилаи якум метавонад ба парванда ҳамроҳ шаванд.

Судя ҷиҳати эътироф ё рад намудан ба сифати шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд, таъинот қабул мекунад. Нисбат ба ин таъиноти суд шахсони иштирокчии парванда метавонад шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, аз тамоми ҳуқуқи даъвогар истифода мебаранд ва ӯҳдадориҳои даъвогарро ба зимма доранд.

21. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир судя бо огоҳонидани шахсони иштирокчии парванда дар маҳалли ҷойгиршавӣ далелҳои хаттӣ ва шайъиро аз назар мегузаронад.

22. Ҳангоми зарурати гирифтани далели дар дигар шаҳр ё ноҳия мавҷудбуда судя ба суди дахлдор мутобиқи талаботи моддаи 65 КМГ ҶТ супориши судиро мефиристонад. Супориши судӣ бояд дар намуди таъинот ба таври мушаххас нишон дода шавад. Ин таъинот барои суде, ки ба унвони он ирсол шудааст, ҳатмӣ буда, бояд дар мӯҳлати то як моҳ аз рӯзи гирифтан иҷро карда шавад. Ирсоли супориши судӣ дар намуди мактуб ё дархостнома қатъиян манъ аст.

23. Азбаски тибқи талаботи моддаи 142 ва 149 КМГ ҶТ андешидани тадбирҳои таъмини даъво то оғози парвандаи гражданӣ ва дар ҳама давраҳои баррасии парванда имконпазир аст, судя бояд дар назар дошта бошад, ки таъмини даъво дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ низ мумкин аст. Тадбирҳоеро, ки суд оид ба таъмини даъво меандешад, бояд ба талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар мутаносиб бошанд.

24. Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 155 КМГ ҶТ судя масъалаи маҷлиси пешакии судӣ, вақт ва маҳаллӣ баргузории онро ҳал менамояд.

Маҷлиси пешакии судӣ бо мақсади аз таҳкими мурофиавии амалҳои амрии тарафҳо, ки ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ анҷом дода шудаанд, муайян намудани ҳолатҳои барои баррасии дуруст ва ҳалли парванда аҳамиятдошта, муайян намудани кифоягии далелҳо барои парванда, таҳқиқи далели гузаронидани мӯҳлати муроҷиат ба суд ва мӯҳлати даъво иборат мебошад.

25. Дар маҷлиси пешакии судӣ норозигии ҷавобгар дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва мӯҳлати муқарраррнамудаи қонун барои муроҷиат ба суд метавонад баррасӣ гардад.  Ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво ё мӯҳлати муроҷиат ба суд судя бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад. Ба ҳалнома аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда мумкин аст бо тартиби кассатсионӣ шикоят оварда шавад.

26. Бояд дар назар дошт, ки дар мурофиаи пешакии судӣ ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои бо моддаҳои 220, 221, 225, сархатҳои 2, 6 моддаи 227 КМГ ҶТ баррасии парванда метавонад боздошта ё қатъ гардида, ариза бошад, бе баррасӣ мононда шавад. Ҳамзамон судя дар бораи боздоштан, қатъ гардидани баррасии парванда, бе баррасӣ монондани ариза таъинот қабул менамояд.

27. Дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ даъвогар метавонад аз даъво даст кашад, тарафҳо созиши оштӣ ё ин ки шартнома дар бораи супурдани даъво ба баррасии суди ҳакамӣ банданд. Азбаски ҳалли масъала роҷеъ ба қабули ариза оиди аз даъво даст кашидан ва тасдиқи созиши оштии тарафҳо дар давраи омодасозии парванда аз ҷараёни дахлдор ҳангоми баррасии судӣ фарқе надорад, чунин ҳаракатҳои амрии тарафҳо бояд ба тариқи мурофиавӣ дар маҷлиси пешакии судӣ қайд карда шаванд.

Агар дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгар даъворо эътироф намояд, судя парвандаро ба баррасӣ таъин карда, масъалаи мазкурро тибқи талаботи муқарраркардаи қисми 3 моддаи 176 КМГ ҶТ ҳаллу фасл менамояд.

28. Аз болои таъинот дар бораи гузаронидани омодасозӣ ба муҳокимаи судӣ шикоят овардан мумкин нест, чунки ин таъинот ҳаракати минбаъдаи парвандаро монеагӣ намекунад.

29. Мутобиқи қисми 3 моддаи 155 КМГ ҶТ судя аз рӯи парвандаҳои мураккаб метавонад мӯҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судиро, ки аз доираи мӯҳлати бо КМГ ҶТ барои баррасӣ ва ҳалли парванда муқарраркардашуда, баромадааст, таъин намояд ва дар ин бора таъиноти асоснок бо қайди мушаххаси мӯҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судӣ тартиб

дода мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки қонун чунин гурӯҳи парвандаҳоеро, ки нисбати онхо муқаррароти мазкур татбиқ карда мешавад, пешбинӣ нанамудааст.

30. Тибқи талаботи моддаи 156 КМГ ҶТ судя парвандаро омодашуда эътироф намуда дар бораи таъин намудани парванда ба муҳокимаи суди таъинот қабул менамояд. Ҳамзамон, судя вазифадор аст тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парвандаро дар бораи вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ намояд ва инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаро даъват кунад.

31. Бо қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005, №4 «Дар бораи ба муҳокимаи суд тайёр кардани парвандаҳои гражданӣ» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**